# Маросими супоридани китобҳо дар бораи Ҷопон дар доираи "READ JAPAN PROJECT 2024"

Рӯзи 3 апрели соли 2025 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) маросими супоридани 87 китобҳо дар бораи таърих, сиёсат, иқтисод ва фарҳанги Ҷопон бо забони англисӣ ҳамчун тухфа ба ДМТ дар доираи «READ JAPAN PROJECT 2024», ки аз ҷониби «The Tokyo Foundation» ташкил ва бо кӯмаки «The Nippon Foundation» баргузор гардид. ДМТ яке аз донишгоҳи пешбари Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. 26 феврали соли 2025 Намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон дар яке аз биноҳои ин донишгоҳ ҳамчун минбари ҳамкориҳои илмӣ бо Ҷопон “Маркази ҷопонишиноси”-ро ифтитоҳ кард. Маросим дар “Маркази ҷопонишиносӣ” бо иштироки кормандони дафтари JICA баргузор гардид.







Дар маросиме, ки муовини аввали ректори ДМТ ҷаноби Фаридун Раҷабзода ифтитоҳ кард, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Тоҷикистон хонум ФУРУТА Кейко суханронӣ намуда, ба муовини аввали ректори ДМТ сертификати донории «Фонди Ниппон»-ро супурд.

Хонум ФУРУТА изҳори умедворӣ намуд, ки китобҳои англисии тақдимшуда ба донишҷӯён ва муҳаққиқони ДМТ дар фаҳмиши амиқтар дар бораи Ҷопон кӯмак мекунанд ва онҳо ба кадрҳои калидӣ табдил меёбанд, ки метавонанд ба табодули байни ду кишвар мусоидат намоянд.

Ҷаноби Раҷабзода дар навбати худ барои тақдими китобҳо изҳори сипос намуда, изҳори умедворӣ кард, ки равобити ҳамкориҳо бо Ҷопон минбаъд таҳким ёбад.





Умед аст, ки дар оянда таълими забони ҷопонӣ ва ҷопоншиносӣ дар Тоҷикистон бо дастгирии ҳукумати Ҷопон ва созмонҳои хусусии Ҷопон ба муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба мисли лоиҳаи "READ JAPAN 2024" рушд хоҳад кард.



